# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ дар мавзуи «Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III–XVIII)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020800 – Бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020801 – Бостоншиносӣ). – Душанбе, 2026. – 225 с.**

Таърихи халқи тоҷик дар давраи асрҳои миёна, яке аз марҳилаҳои сарнавиштсоз ва муҳимми ташаккули давлатдорӣ, фарҳанг ва сохтори иҷтимоии миллӣ ба ҳисоб меравад. Омӯзиши ҳамаҷонибаи ин давра бе ҷалби сарчашмаҳои моддии таърих, аз ҷумла, ёдгориҳои бостоншиносӣ, номумкин аст. Дар ин замина, ёдгориҳои таърихӣ ҳудуди ноҳияи Данғара ҳамчун манбаи боэътимоди илмӣ ва шоҳиди хомӯши воқеиятҳои таърихӣ, нақши муассир доранд. Хурсандиовар аст, ки диссертатсияи Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ ба ин мавзуи муҳим бахшида шудааст. Аз ин хотир мавриди таҳқиқ қарор гирифтани ин мавзуи муҳим дар бостоншиносии тоҷик ниҳоят мубрам буда, аҳаммияти калони илмиро дорост. Рисолаи Асомиддинзода С.С. далели он аст, ки ёдгориҳои ноҳияи Данғара ҳамчун сарчашмаҳои бонуфузи таърихӣ, дар омӯзиши масоили муҳимми таърихи асримиёнагии халқи тоҷик нақши асосӣ мебозанд.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Кори диссертатсионии Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ дар мавзуи «Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III-XVIII)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020800 – Бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020801 – Бостоншиносӣ) пурра мувофиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Диссертатсия ва мавзуи он барои илми бостоншиносӣ мубрам ва нав аст. Мубрамии мавзуи диссертатсияи доктории фалсафа (PhD), Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ дар он ифода меёбад, ки то кунун оид ба мавзуи "Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III-XVIII)" таҳқиқи диссертатсионии бевосита ва

мустақим анҷом наёфта буд ва ин кӯшиши аввалин аз ҷониби диссертант барои ҳалли ин масъала ба шумор меравад.

Диссертатсия дар асоси таҳлили илмии доираи васеи сарчашма ва адабиёти илмӣ омода шудааст. Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ дараҷаи коркарди илмии проблемаи мавриди омӯзишро таҳлил намуда, ба хулосаи дуруст омадааст, ки то ҳанӯз ҷанбаҳои илмӣ, назариявӣ, амалӣ ва методологии ёдгориҳои асримиёнагии Данғара (асрҳои III - XVIII) ҳамчун сарчашмаи таърихӣ дар илми бостоншиносии ватанӣ ва хориҷӣ дар сатҳи зарурӣ ва бо дарназардошти талаботи муосири ҷомеа таҳқиқ нагардидааст.

Ёдгориҳои асримиёнагии Данғара сарчашмаи муҳимми таърихӣ дар бораи омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар асрҳои III-XVIII м. ба шумор мераванд. Ин ёдгориҳо марҳилаҳои мухталифи ташаккул ва рушди маданияти моддиро инъикос намуда, маълумоти муфассал дар бораи таърих, вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданини минтақа дар асрҳои миёна фароҳам меоранд.

**Дараҷаи навгониҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар илми таърихнигорӣ ва манбаъшиносӣ диссертант масоили даврабандии ёдгориҳои асримиёнагии Данғара, марҳилаҳои омӯзиш ва ҷуғрофияи бозёфти ёдгориҳои асримиёнагии ин минтақа, муайян кардани нақши ёдгориҳои асримиёнагии Данғара дар таърих ва бостоншиносии тоҷикро ҳал намуда натиҷаи онро ба илм ворид намудааст. Таҳияи феҳристи ёдгориҳои асримиёнагии Данғара бо назардошти талаботи илмии муосири ботоншиносӣ низ навгонии дар диссертатсия бадаст омада мебошад.

Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ дар асоси таҳлили сарчашмаву осори илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ бори нахуст мавзуи "Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III-XVIII)"-ро ба таври ҳамаҷониба ва васеъ ба риштаи таҳқиқ кашида, вазъи омӯзиш, ҳолати имрӯза ва

ҷойгоҳи онҳоро дар бостоншиносии тоҷик таҳқиқ ва муайян намудааст. Ӯ дар асоси таҳлили қабатҳои маданӣ ва бозёфтҳои ҳафриёт нақши муҳимми минтақаи Данғараро дар таърихи халқи тоҷик нишон дода, гурӯҳбандии ёдгориҳои асримиёнагии Данғараро дар асоси санаи фаъол будани онҳо пешниҳод намудааст. Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ дар рисолааш раванди ташаккул ва рушди маданияти моддӣ дар Хатлони асримиёнагӣ, Данғараи замони Сомониёнро ва давлатҳои дигар ба таври фарогир мавриди таҳқиқ қарор дода, хусусият ва марҳилаҳои бостоншиносии ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара дар асрҳои III-XVIII-ро муайян намуда ва маълумоти тозаи ҳафриёти бостоншиносонро дар онҳо бори аввал ба гардиши илмӣ ворид намудааст.

Дар рафти таҳқиқот аз усулҳои муносибати комплексиву системавӣ ва маърифатии дар илми муосири бостоншиносӣ истифодашаванда - таърихият, пайдарпайии хронологӣ ва мантиқӣ, таҳлили таърихӣ-муқоисавӣ, тавсия, таҳлили системавӣ, масъалагузорӣ, хулосабарорӣ ва назари интиқодӣ истифода гардидааст.

Ҳамчунин дар диссертатсия ҷараёни байнисоҳавӣ истифода шудааст, зеро бо хусусиятҳои мавзуи таҳқиқот монандӣ дошта, паҳлуҳои гуногуни он бо истифода аз дастовардҳои илмҳои бостоншиносӣ, манбаъшиносӣ, таърихнигорӣ, хронологияи таърихӣ ва ғайра омӯхта шуданд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар дисеертатсия зикршуда.** Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертант асосӣ илмӣ доранд. Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо он собит мешавад, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии бостоншиносии ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, кифоя будани сарчашмаҳои бостоншиносӣ, маводди таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуқтаҳои мавзуи таҳқиқшаванда, таъмин менамояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқоти мазкур дар он ифода меёбад, ки дар асоси таҳлилҳо ва таҳқиқотҳо заминаҳои таърихии равандҳои пайдоиши ёдгориҳои давраи таърихии мавзуъ, рушди иқтисодию иҷтимоӣ минтақа, таърих ва фарҳанги моддии Данғара дар давоми 1500 сол (асрҳои III-XVIII м.) муайян гардидааст. Дар натиҷаи таҳқиқ маълумоти нав ва муҳимми илмӣ ба даст оварда шуданд, ки метавонанд заминаи устувор барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи бостоншиносӣ ва таърихи маданияти моддӣ дар минтақаи мазкур бошанд.

Омӯзиши таҳқиқоти мазкур ҳамчун мавзуи муҳимми бостоншиносӣ, на танҳо аҳаммияти калони илмиву амалӣ дорад, балки барои равшан сохтани саҳифаҳои таҳқиқнагардида ва норавшани таърихи асримиёнагии халқи тоҷик, инчунин барои тарбияи наслҳои ҷавони имрӯза ва оянлаи миллат кӯмаки амалӣ хоҳад расонд. Таҳқиқоти мазкур метавонад зимни таҳияи корҳои илмӣ доир ба масъалаҳои муҳимми таърихӣ ва фарҳанги халқи тоҷик тартиб додани барномаҳо, дастурҳои таълимӣ, таҳияи курсҳои махсус доир ба таърихи маданияти моддии дар давраҳои асрҳои миёна дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза, Осиёи Миёна, Афғонистон, барои донишҷӯёни макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад.

**Қисмати асосии таҳқиқ.** Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб (9 зербоб), хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт бо 182 номгӯй ва замима иборат аст. Дар ҳар кадоме аз бахшҳои диссертатсия шеваи хуби тақиқ, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳси илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, нуқтаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия **“Таърихи омӯзиши ёдгориҳои бостоншиносии ноҳияи Данғара”** номгузорӣ шуда, аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал маълумоти ҷуғрофӣ, таърихӣ ва маъмурии ноҳияи Данғара таҳқиқ гардидаанд. Дар ин зербоби рисола Асомиддинзода Саидшо менависад, ки таҳқиқи таърихию ҷуғрофӣ нишон медиҳад, ки ин минтақа на танҳо аҳаммияти ҷуғрофӣ ва иқтисодӣ дошт, балки дар роҳҳои тиҷоратии Бухорои Шарқӣ нақши муҳимми стратегӣ ва фарҳангӣ бозидааст. Омӯзиши сарчашмаҳои хаттӣ ва таҳлили адабиёти илмӣ шаҳодат медиҳанд, ки Данғара таърихи хеле қадим ва бой дорад. Дар сарчашмаҳои хаттӣ минтақаи мазкур аз ибтидои асрҳои миёна то давроши шуравӣ бо номҳои гуногун қайд шудааст. Дар соли 1932 ноҳияи Данғара ҳамчун ноҳияи мустақил таъсис ёфт. Диссертант навиштааст, ки имрӯз ноҳияи Данғара ҳамчун воҳиди муҳимми вилояти Хатлон бо мавқеи ҷуғрофӣ, имкониятҳои иқтисодӣ ва захираҳои табиӣ аҳаммияти стратегии миллӣ дорад.

Диссертант дуруст қайд намудааст, ки ноҳияи Данғара аз лиҳози мавқеъи ҷуғрофӣ ва ҷойгоҳи он дар таърихи минтақаи Хатлони асримиёнагӣ хеле муҳим мебошад. Аз лиҳози таърихӣ бошад, ноҳия борҳо бо номҳои гуногун ва мавзеъҳои таърихии ба он алоқаманд дар сарчашмаҳо ва адабиёти мухталифи илмӣ ёд гардида мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Имрӯз ноҳияи Данғара ба яке аз навоҳии рушдкардаи вилоят ва ҷумҳурӣ табдил ёфтааст.

Зербоби дуюм ба Марҳилаҳои асосии омӯзиши ёдгориҳои таърихии ноҳияи Данғара, бахшида шудааст. Заминаи аввалини омӯзиши илмии ёдгориҳои таърихии Данғара аз соли 1942 оғоз мегардад. Маълум гашт, ки ноҳияи Данғара яке аз он воҳаҳое мебошад, ки дар он нишонаҳои ҳаёт оғоз аз замони аҳди санг мушоҳида мегарданд. Таърихи бойи ноҳияро бозёфтҳои бошишгоҳҳои давраи асри санг, шаҳраку деҳаҳои аҳди бостон

(антиқа) ва асрҳои миёна, ки дар ҳудуди ноҳияи Данғара кашф шудаанд, тасдиқ мекунанд.

Дар асоси омӯзиши маводди чопшуда, ҳисоботҳои чопнашудаи бостоншиносону муаррихон диссертант Асомиддинзода Саидшо хулоса кардааст, ки раванди таҳқиқоти бостоншиносӣ дар ноҳияи Данғара ба таври шарҳи таърихӣ се марҳилаи асосиро дар бар мегирад. Марҳилаи якум: Солҳои 1942-1950, марҳилаи дуюм: солҳои 1955-1990 ва марҳалаи сеюм -аз 1997 то 2022. Яке аз хулосаҳои муҳимми илмии диссертант Асомиддинзода Саидшо ҳамин, ки ноҳияи Данғара дар тули таърих яке аз марказҳои асосии тамаддун дар ҷануби Тоҷикистони имрӯза будааст. Баробари ин, диссертант навиштааст, ки маводди бадастомада барои муайян сохтани харитаи таърихии минтақа низ муҳим буданд.

Диссертант давраҳои зикршударо (замони шуравӣ ва замони истиклол)-ро ҳамчун давраҳои ташаккули бостоншиносии тоҷик ҷудо намуда хусусиятҳои онҳоро муайян намудааст. Ҳамин тавр, зербоби дуюм ба марҳилаҳои асосии омӯзиши ёдгориҳои таърихии ноҳияи Данғара бахшида шудааст. Дар омӯзиши ёдгориҳои таърихию фарҳангии ноҳия саҳми олимон Ю.Я Яқубов, Е.П.Денисов, Т.Г.Филимонова ва Д.Довудӣ қайд гардидааст. Ҳамзамон, диссертант рушди бостоншиносиро дар замони истиқлоли давлатӣ қайд намуда, саҳми бостоншиносони насли ҷавони ҷумхуриро зикр намудааст.

Ҷолиби қайд аст, ки диссертант як зербобро ба топонимика ва санагузории ёдгориҳо бахшидааст. Зеро объекти асосии таҳқиқот ин ёдгориҳо ҳастанд ва ҷамъи мамълумот барои гузаронидани тақиқот муҳим мебошад.

Боби дуюми рисола **“Ёдгориҳои бостоншиносии асримиёнагии ноҳияи Данғара”** номгузори шуда, он аз 4 зербоб иборат аст. Диссертант ёдгориҳои ба қайд гирифта ва ҳафоришударо аз ҷихати хронологӣ овардааст ва онҳоро ба се гурӯҳ ҷудо намудааст. Мантиқан дуруст, ки дар асоси даврабандӣ матни боб дар 4 зербоб оварда шудаст. Ҳар як се зербоби

аввал ба давраи муайян бахшида шудааст: зербоби якум - Ёдгориҳои бостоншиносии ибтидои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III-VIII), зербоби дуюм - Ёдгориҳои бостоншиносии асрҳои IX-XII ноҳияи Данғара, ва 2.3 (зербоби сеюми боби якуми рисола) бо номи "Ёдгориҳои бостоншиносии асримиёнагии баъдина (асрҳои XIII-XVIII)" таҳия гардидааст. Шиносои бо боби дуюми рисолаи диссертант шаҳодат медиҳад, ки боби мазкур таҳлили амиқи сохтор ва фарҳанги ёдгориҳои асримиёнагиро дар Данғара фаро мегирад. Маълумоти пешниҳодшуда доир ба ёдгории Сари Купрук, Маҷмааи Кампиртеппа, Духтарқалъа, ёдгории Гирдоб 1, Қалъаи Чортеппа, Тоҷикқалъа, Қалъаи Иттиҳод, корвонсарой, шаҳраки Данғара, Хусравқалъа ва дигар ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара ҷолиби диққатанд. Боби дуюми рисоларо зербоби 2.4 ҷамъбаст менамояд, ки ба аҳаммияти ёдгориҳои бостоншиносии ноҳияи Данғара дар таҳқиқи таърихи асрҳои миёнаи халқи тоҷик бахшида шудааст, ки мантиқан дуруст мебошад.

Боби сеюми диссертатсия **"Ёдгориҳои меъмории асрҳом миёнаи ноҳияи Данғара"** ном дорад, ки аз 2 зербоб иборат мебошад. Дар қисми мазкури рисола объектҳои меъморӣ, мақбараҳо нишони таҳлили Асомиддинзода Саидшо гардидаанд.

Дар зербоби аввали он (3.1) таърих ва хусусиятҳои меъмории ду мақбара: мақбараҳои Шайх Шақиқи Балхӣ ва Мавлоно Обиддин - таҳлил гардидаанд. Асомиддинзода Саидшо қайд намудааст, ки мақбараҳои Шайх Шақиқи Балхӣ ва Мавлоно Обиддин ҳамчун намунаҳои барҷастаи меъмории мазҳабии асрҳои миёна аҳаммияти муҳим дорад.

Зербоби дуюми боби сеюм «Ёдгории меъмории мақбараи Мавлоно Тоҷиддин» унвон гирифтааст. Мувофиқи навиштаи Асомиддинзода, дар асрҳои XIV-XV дар ин минтақа яке аз намояндагони маъруфи тариқати Нақшбандия, шогирди Хоҷа Баҳовуддин - Мавлоно Тоҷиддини Дашти Кӯлакӣ зиндагӣ мекард. Ба зиёрати ӯ шахсони зиёде, аз ҷумла амир Темур ва Хоҷа Аҳрори Валӣ ташриф овардаанд. Муаллифи рисола маълумоти

муҳим доир ба таърихи сохтмони мақбара, хусусиятҳои меъмории ин ёдгорӣ овардааст. Натиҷаи таҳқиқот шаҳодат менамояд, ки Данғара дар асрҳои XIV-XVI яке аз марказҳои муҳимми фарҳангии Хатлону тамоми Мовароуннаҳр буд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта ба таври мухтасар нисбат ба ҳар боб дар алоҳидагӣ зикр гардида, баъзе тавсия ва пешниҳодҳои муаллифӣ манзур гардидаанд.

Хулосаҳо ва тавсияҳои Асомиддинзода Саидшо буда, баёнгари мундариҷаи рисола ҳастанд ва бо маводди зиёди назариявию амалӣ ва далел асоснок гардидаанд. Яке аз махсусиятҳои диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки довталаб Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ тавонистааст онд ба ҳамаи нуктаҳо ва маълумоти пешниҳодкардааш баҳси илмӣ ба вуҷуд орад, онҳоро зери суол ва шубҳа кашад, мавқеъ ва нигоҳи муаллифиро дар ин замина ба миён орад. Далелҳои истифодашуда эътимодбахшанд. Ҳангоми таҳлил муносибат ба мавзуъ дуруст ва касбӣ буда, аз маҷрои зарурӣ берун нашудааст.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳо саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқ эътимодбахш буда, аз тарафи муаллиф бевосита дар марҳалаҳои гуногун коркард, тасвиб ва баррасӣ шудаанд.

Дар асоси гуфтаҳои дар боло зикр гардида, ман ҳамчун муқарризи расмӣ ба рисолаи Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ сазовори баҳои баланд донистаам. Ин гуна диссертатсия метавонад ба тартиб додани тасвири возеҳ ва асосноки равандҳои бостоншиносӣ, таҳаввулоти таърихӣ ва ба аҳамияти фарҳангии ёдгориҳои бостоншиносии ноҳияи Данғара мусоидат намояд.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Бо вуҷуди муваффақиятҳои зиёд, дар диссертатсия як қатор камбудиҳо мушоҳида гардиданд.

1. Дар диссертатсия маводди бостоншиносони хориҷӣ истифода нашудааст. Дастаҳои хориҷиён (фаронсиягиҳо дар Афғонистон, хитоиҳо дар Сурхандарё ва Қашқадарёи Узбекистон, фаронсагиҳо дар Афросиёб, амрикоиҳо дар Бухоро) ҳафриёт гузаронида, маводди онҳоро чоп кардаанд. Истифодаи маводди онҳо барои санагузорӣ ва муқоиси ёдгориҳои асримиёнагии Данғара ба манфиат дониста мешавад.

2. Дар боби 3 тағйироти структуравӣ гузаронид лозим. Як зербоби алоҳидаро ба мақбараи Мавлоно Обиддин бахшидан мумкин, ё ки зербоби 2.4.-ро ба боби 3-юм гузаронидан мумкин.

3. Дар матни рисола саҳми чанде аз бостоншиносон масалан, Н.Ахмедов, А.Юсупов, Н.А.Маслов., М.Муллоқандов ва дигарон, аз назари диссертант дур мондааст.

4. Тавсия дода мешавад, ки феҳрист ва харитаи ҷуғрофӣ бо нишон додани ҷойгиршавии ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара омода карда шавад. Харита имкон медиҳад, ки дарки визуалии маводди матни диссертатсияро тақвият диҳад.

5. Дар рисола баъзан хатогиҳои техникӣ (масалан: Н.А. Маев соли 1975, саҳ.23; Е.Денесов ва ғ.) ба назар мерасад.

Камбудиҳои мазкур ҷузъӣ буда, ба хеҷ ваҷҳ арзиши илмии таҳқиқоти мазкурро коста намесозанд. Зеро муаллиф вазифаҳои дар назди худ гузоштаашро дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ ва бо савияи баланди пажӯҳишӣ ба анҷом расонидааст.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Диссертатсия аз лиҳози мубрамият, ном ва нақши мавзуъ, муқаддима, бобҳо ва зербобҳо, хулосаю сарчашмаҳо пайдарҳам ва бо услуби илмӣ таҳия гардидааст. Таҳлили матни диссертатсия ва автореферат нишон медиҳад, ки он кори анҷомёфта буда, дорои навгониҳо ва натиҷаҳои боэътимод аст.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳад. Диссертатсияи Асомиддинзода Сангалӣ бо доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020800 – Бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020801 – Бостоншиносӣ), комилан мувофиқат мекунад.

**Хулоса.** Диссертатсияи Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ дар мавзуи «Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III - XVIII)» кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи бандҳои 31-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020800 – Бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020801 – Бостоншиносӣ), аст.

Муқарризи расмӣ:
Доктори илмҳои таърих,
профессори кафедраи археология,
этнография ва диншиносии
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров — Раҳимов Н.Т.

Имзои Н.Т.Раҳимов-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо-корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
Ба номи академик Бобоҷон Ғафуров — Сайдуллозода З.С.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбековҳо, 1
Тел.: (992-3422) 6-52-73; Факс: (992-3422) 6-75-18
E-mail: rector@hgu.tj